Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синф. 102)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Тоҷидинова Зебохон Сангиновна ба диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ: б. 1.1. - Иқтисоди сиёсӣ: сохтор ва қонунияти рушди муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; ташаккул ва амалкарди сохтору институтҳои иқтисодӣ; назарияи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт; б. 1.2. - Назарияи микроиқтисод: назарияи талаботи истеъмолӣ; назарияи ташкили бозорҳо; назарияи рақобат ва танзими зиддиинҳисорӣ; 1.4. - Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: назарияи таҳаввулотии пешравии иқтисодӣ, мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Яке аз заминаҳои иқтисодии ҷомеаи демократӣ ғайримарказикунонии қабули қарорҳои иқтисодӣ мебошад. Рақобати озод ҳаммаънои озодии интихоб, озодии соҳибкорӣ ва озодии воридшавӣ ба бозор буда, ҷузъи ҷудонашавандаи озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрванд мебошад, ки дар Конститутсия муқаррар шудаанд.

Дар шароити иқтисоди рақобатӣ соҳибкорон мустақилона истеъмолкунандагонро ҷустуҷӯ менамоянд, то ба ҳадафҳои фаъолияти худ, аз ҷумла ҳадди аксар расонидани фоида, васеъ намудани ҳаҷми фурӯш ва зиёд кардани ҳиссаи бозорӣ ноил гарданд. Рақобат соҳибкоронро ба фаъолияти самаранок дар бозор водор намуда, онҳоро маҷбур месозад, ки ба истеъмолкунандагон номгӯи васеътари молу хизматрасониҳоро бо нархҳои нисбатан паст ва сифати беҳтар пешниҳод намоянд. Аз ҷониби дигар, рақобат на танҳо ба ташаккули нархҳои қобили қабул ва таъмини сифати муносиби молҳо, корҳо ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда мусоидат мекунад, балки рушди равандҳои технологӣ ва эҷоди маҳсулоти инноватсиониро низ ҳавасманд месозад, ки ҳадафи онҳо ҷалби таваҷҷуҳи истеъмолкунандагон ва ташаккули талабот ба маҳсулоти пешниҳодшаванда мебошад.

Маҳз чунин вазъият ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд: самаранокии истеҳсолот баланд гардида, барои тамаркузи захираҳо дар бахшҳои афзалиятнок ва муҳимми иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам мегардад.

Бо вуҷуди ин, омӯзиш ва таҳлили вазъи бозори молҳои истеъмолӣ дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки механизмҳо ва роҳҳои ташаккули рақобат ҳанӯз пурра ба вуҷуд наомадаанд. Монеаҳои воридшавӣ ба бозор, сатҳи пасти инноватсия, инчунин мавҷудияти унсурҳои монополистӣ ба рукуд ва сустшавии фаъолияти механизми хоҷагидорӣ мусоидат намуда, рушди рақобатро маҳдуд мекунанд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло дарҷ намудан мумкин аст, ки асосҳои методологӣ ва амалии рушди рақобат дар бозорҳои соҳавии иқтисоди миллиро бо дарназардошти хусусиятҳои бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намудан аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ, мазуи интихобшуда мубрам арзёбӣ гардида, таҳқиқотҳо дар ин самт ногузир дониста мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд, ки ҳамчун омили такмили сиёсати давлатии танзими рақобат дар бозорҳои соҳавии иқтисоди миллӣ баромад намуда, ҳамзамон барои рушди рақобат дар бозорҳои молҳои истеъмолӣ заминаҳои мусоид фароҳам оваранд.

Дар робита ба ин, омӯзиши назария ва амалияи рушди рақобат, инчунин таҳияи равишҳои методологӣ оид ба баҳодиҳии вазъи бозори молҳои истеъмолӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ аҳамияти хос дошта, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти мазкурро дар диссертатсия муайян менамояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Ҷамолиддинов С. Р. дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» пеш аз ҳама дар ғанигардонӣ ва рушди муқаррароти назариявию методологии ташаккул ва рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ, муайян ва баҳодиҳии омилҳои таъсиррасон ба сатҳ ва самаранокии рақобат, инчунин таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизмҳои рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамчун навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири асосҳои назариявӣ ва амалии асосҳои рақобат дар бозори соҳавӣ маҳсуб меёбанд. Муқаррароти назариявии муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ низомбандӣ карда шуда, таҳаввули назарияи рақобат ва тағйирёбии мазмуну шаклҳои он дар марҳилаҳои гуногуни рушди илми иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф ақидаҳо ва мавқеъҳои мухталифи олимонро оид ба моҳият, мазмун ва шаклҳои рақобат мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ қарор дода, дар заминаи ҷамъбасти онҳо нуқтаи назари илмии худро оид ба таҳаввул ва рушди муносибатҳои рақобатӣ иброз намудааст. Дар асоси таҳлили равияҳои асосии назарияи рақобат муайян карда шудааст, ки дар раванди рушди муносибатҳои иқтисодӣ мазмун, шакл ва усулҳои таҳқиқи рақобат таҳаввул ёфта, методологияи омӯзиши он аз равишҳои классикӣ ба равишҳои муосири

институтсионалӣ ва системавии таҳлили бозор гузаштааст. Дар натиҷаи таҳқиқ панҷ марҳилаи асосии ташаккул ва рушди назарияи рақобат муайян гардида, хусусиятҳои тағйирёбии муносибатҳои назариявӣ ба рақобат дар ҳар як марҳила низомбандӣ карда шудаанд. Дар ин замина, рақобат ҳамчун падидаи таърихию иқтисодӣ ва институти таҳаввулёбандаи бозор арзёбӣ гардида, робитаи таҳаввули назарияи рақобат бо рушди муносибатҳои иқтисодӣ асоснок карда шудааст.

Зимни таҳқиқот омилҳои асосии маҳдудкунандаи рушди рақобати самаранок, аз ҷумла густариши бахши ғайрирасмӣ, нокифоя будани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, сатҳи пасти ҳамкории субъектҳои соҳибкорӣ бо ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва маҳдудияти қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ муайян карда шуда, дар заминаи он, зарурати таҳкими танзими давлатии рақобат, махсусан дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ, чун самти муҳими такмили муҳити рақобатии бозори истеъмолӣ асоснок гардидааст, ки аз таҳқиқи амиқ гувоҳӣ медиҳад.

Тамоюлоти муосир ва хусусиятҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити амиқшавии муносибатҳои рақобатӣ муайян гардида, масъалаҳои рушди он дар доираи муносибатҳои институтсионалӣ, соҳавӣ ва инфрасохторӣ низомбандӣ шуда, дар ин раванд, муаллиф муосиргардонии инфрасохтори бозор ва такмили технологияҳои савдоро ҳамчун самти афзалиятноки рушди бозори молҳои истеъмолӣ пешниҳод намудааст.

Дар ҷараёни таҳқиқот вазъи муосири бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муаллиф омилҳои таъсиррасонро ба шиддатнокии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ ба омилҳои боздоранда ва мусоидаткунанда низомбандӣ намуда, таъсири онҳоро ба сатҳи рақобатпазирии субъектҳои бозор асоснок кард, ки ба рушди рақобат дар бозори соҳавӣ мусоидат мекунанд.

Ҷиҳати вусъатёбии рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ тавсияҳои судманд пешниҳод гардидаанд. Муаллиф дар асоси арзёбии самтҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ маҷмӯи самтҳои афзалиятноки таҳкими бартариҳои рақобатии субъектҳои бозорро асоснок намуда, маҷмӯи тадбирҳои дахлдорро коркард намудааст.

Дар маҷмуъ, метавон қайд намуд, ки навгонии илмии диссертатсия дар рушди муқаррароти назариявии муносибатҳои рақобатӣ, низомбандии марҳилаҳои таҳаввули назарияи рақобат, муайян ва асоснок намудани омилҳои ташаккул ва шиддатнокии рақобат, инчунин таҳияи заминаҳои назариявию методологии такмили механизми рақобат дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфта, натиҷаҳои бадастомада ба рушди назарияи иқтисодӣ ва таҳкими асосҳои илмии таҳқиқи муносибатҳои рақобатӣ мусоидат менамоянд.

**4. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муқаддима, се боб, зербобҳо, расму ҷадвалҳо, хулоса ва тавсияҳои муаллифӣ иборат буда, бо истифода аз 161 сарчашма таҳия карда шуда, дар 193 саҳифаи матни компютерӣ омода гардидааст.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва

методологӣ, сарчашмаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст (саҳ. 4-15).

**Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқоти муносибатҳои рақобатӣ»** заминаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди муносибатҳои рақобатӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ ба таври пайдарпай ва муназзам мавриди таҳлил қарор гирифтаанд (саҳ. 16-69).

Муаллиф бо такя ба таҳаввулоти назарияҳои иқтисодии рақобат, андешаҳо ва равишҳои илмии намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ моҳият, хусусиятҳои иқтисодӣ ва нақши рақобатро дар ташаккули муҳити самараноки бозорӣ баррасӣ намуда, заминаҳои назариявии инкишофи муносибатҳои рақобатиро дар шароити муосири иқтисодӣ муайян кардааст (саҳ. 16-37).

Яке аз ҷанбаҳои мусбии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф рақобатро на танҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ намуда, робитаи онро бо хусусиятҳои рафтории инсон ва муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодӣ дар муҳити бозорӣ нишон медиҳад. Чунин муносибати методологӣ барои дарки моҳияти рақобат ҳамчун унсури объективии муносибатҳои бозорӣ аҳамияти назариявӣ дошта, имконият фароҳам меорад, ки нақши он дар ташаккул ва рушди низоми иқтисодии муосир ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад (саҳ. 16-18).

Ба андешаи муаллиф розӣ шуд, зеро ӯ раванди ташаккул ва таҳаввули андешаҳои илмӣ оид ба рақобатро дар алоҳидагӣ аз дигар равияҳои назарияи иқтисодӣ баррасӣ накарда, онро дар доираи рушди умумии афкори иқтисодӣ ва тағйирёбии низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мавриди арзёбӣ қарор медиҳад. Чунин муносибати таърихию мантиқӣ имкон медиҳад, ки тағйирёбии тасаввуроти назариявӣ оид ба моҳият, вазифа ва нақши рақобат ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар робитаи мустақим бо таҳаввули муносибатҳои бозорӣ ва институтҳои иқтисодӣ муайян карда шавад. Арзиши назариявии чунин равиш пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки муаллиф таҳаввули муносибатҳои рақобатиро ҳамчун раванди пайдарпай ва вобаста ба тағйироти сохторию сифатии бозор, аз ҷумла ташаккули бозори истеъмолӣ, баррасӣ менамояд. Дар ин замина ҷудо намудани марҳилаҳои асосии таҳаввули рақобат имконият медиҳад, ки хусусиятҳои тағйирёбии муҳити рақобатӣ, шаклҳои зуҳури он ва омилҳои таъсиррасон ба рушди муносибатҳои рақобатӣ дар давраҳои гуногуни ташаккули бозор муайян карда шаванд (саҳ. 18-37).

Муаллиф бо истифода аз равишҳои диалектикӣ-идеалистӣ ва диалектикӣ-материалистӣ моҳияти рақобатро тавассути категорияҳои «бартарии рақобатӣ» ва «рақобатпазирӣ» тавзеҳ дода, саҳми мактаби иқтисодии ватаниро дар рушди назарияи рақобат муайян ва дар асоси таҳлили истилоҳоти илмӣ таърифи муаллифии мафҳуми «рақобат»-ро пешниҳод намудааст (саҳ. 35).

Андешаи унвонҷӯй боиси нигаронист, зеро муаллиф рақобатро танҳо ҳамчун механизми мубориза субъектҳои хоҷагидор барои мавқеи бозорӣ арзёбӣ накарда, онро ҳамчун унсури муҳими механизми худтанзимкунии иқтисоди бозорӣ ва омили таъмини самаранокии тақсимоти захираҳо, баланд бардоштани сифати молу хизматрасониҳо ва ҳавасмандгардонии фаъолияти

иқтисодии субъектҳои бозор баррасӣ менамояд. Чунин муносибат барои таҳқиқи назариявии муносибатҳои рақобатӣ ва муайян намудани хусусиятҳои ташаккули муҳити рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ҷанбаҳои концептуалии танзими давлатии рақобат таҳлил гардида, зарурати ҳамоҳангсозии механизмҳои худтанзимкунии бозор бо воситаҳои танзими давлатӣ асоснок карда шудааст (саҳ.37). Муаллиф ба масъалаи нақши давлат дар ташаккул ва ҳифзи муҳити рақобатӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намуда, таносуби манфиатҳои субъектҳои бозор, талаботи рақобати озод ва зарурати таъмини устувории рушди иқтисодиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ин равиш имкон медиҳад, ки рақобат ҳамчун падидаи мураккаби иқтисодӣ дар робитаи мутақобилаи механизмҳои бозорӣ ва институтсионалии танзим арзёбӣ карда шавад.

Натиҷаи таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф иҷрогардида нишон медиҳад, ки ӯ нақши фаъоли давлатро дар ташаккул ва рушди муҳити рақобатӣ ҳамаҷониба асоснок намуда, зарурати таҳкими заминаҳои институтсионалии бозори молҳои истеъмолӣ, рушди инфрасохтори бозорӣ, густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва татбиқи механизмҳои муассири дастгирии рақобати солимро ҳамчун шартҳои муҳими таъмини фаъолияти самараноки бозор ва пешгирии зуҳуроти манфии рақобатпазирӣ нишон додааст (саҳ.49).

Дар зербоби сеюми боби мазкур муаллифи диссертатсия ба масъалаи баҳодиҳии стратегии ташаккули муносибатҳои рақобатпазир дар бозори молҳои истеъмолӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст (саҳ. 57). Дар ин асос заминаҳои назариявии ташаккули рақобатпазирии субъектҳои бозор, омилҳои таъсиррасон ба муҳити рақобатӣ ва аҳамияти стратегӣ доштани рушди муносибатҳои рақобатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ин имкон медиҳад, ки робитаи мантиқии байни рақобат, рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ ва самаранокии фаъолияти бозори молҳои истеъмолӣ муайян карда шавад.

Муаллиф хусусиятҳои асосии ғайрисамаранокии Х-ро дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ошкор намуда, бо истифода аз тамсилаи Парето сатҳи рақобатпазирии модели стратегияи рушди соҳаро арзёбӣ ва афзалиятҳои татбиқи онро дар самти баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ асоснок намудааст. Тавассути таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳо вазъи соҳаи савдоро дар бозори молҳои истеъмолӣ ҳамаҷониба арзёбӣ намуда, онро ҳамчун воситаи муҳими ташхиси муҳити рақобатӣ ва заминаи илмӣ-методологӣ барои таҳия ва интихоби стратегияи самараноки рақобатӣ истифода кардааст (саҳ. 58).

Мо нуктаи назари муаллифро оид ба таҳияи моделҳои мувофиқи стратегияи рақобат бо дарназардошти тағйирёбии шиддат ва қудрати қувваҳои рақобатӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди соҳа барои бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра дастгирӣ менамоем, зеро стратегияи ташаккули рақобат бояд ба эҷод ва рушди афзалиятҳои устувори рақобатӣ, ки аз ҷониби рақибон ба осонӣ такроршаванда нестанд, равона гардида, маҳз онҳо заминаи муайянкунандаи рафтори рақобатии субъектҳои соҳавӣ ва интихоби самти стратегияи пойгоҳиро ташкил медиҳанд (саҳ. 54-60).

**Дар боби дуюми диссертатсия «Арзёбии сатҳи рақобат дар сегменти бозори молҳои истеъмолӣ»** муаллиф дар заминаи таҳлили вазъи умумии бозор, тамоюлҳои рушди муносибатҳои рақобатӣ ва нишондиҳандаҳои миқдориву сифатӣ сатҳи ташаккул ва самаранокии муҳити рақобатиро дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, омилҳо ва хусусиятҳои асосии таъсиррасон ба динамикаи рақобатро муайян кардааст (саҳ. 72-104).

Натиҷаи таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф иҷрогардида нишон медиҳад, ки таҳлили низомноки нишондиҳандаҳои сохторию иқтисодии бозори молҳои истеъмолӣ имкон додааст, ки тамоюлҳои асосии ташаккул ва рушди муҳити рақобатӣ, нақши субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва фаъолияти тиҷоратӣ, инчунин омилҳои таъсиррасон ба густариши муносибатҳои рақобатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шаванд. Ҷанбаи назаррас ва мусбии зербоби якуми боби мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар заминаи таҳлили низомноки нишондиҳандаҳои сохторию иқтисодӣ вазъи бозори молҳои истеъмолиро дар шароити густариши муносибатҳои рақобатӣ ҳамаҷониба арзёбӣ намудааст. Аз ҷумла, бо истифода аз таҳлили ҳиссаи минтақаҳо дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ динамикаи мусбатро дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ, НТҶ ва шаҳри Душанбе мушоҳида кардан мумкин аст (агар ба фазои рақобат дар минтақа назар кунем, сатҳи рақобат бо тартиби зайл: вилояти Суғд (3,5 баробар), вилояти Хатлон (3,3 баробар), ВМКБ (3,49 баробар), НТМ (3,57 баробар) ва шаҳри Душанбе (2,9 баробар) боло рафта, иқтисодиёти рақобатпазир нисбати дигар минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон НТМ буда, ҷойи дувум ва сеюмро вилоятҳои Суғд ва ВМКБ ишғол мекунанд ва иқтисодиёти минтақаро чун яке аз рақобатпазиртаринҳо тавсиф менамоянд (саҳ. 74-76)), динамикаи теъдоди ширкатҳо ва корхонаҳои амалкунанда дар бозори молҳои истеъмолӣ (суръати мусбати афзоиш дар вилояти Суғд, ш.Душанбе, ВМКБ ва НТМ мушоҳида мешавад, мутаносибан 1,44, 1,44, 1,28 ва 1,27 баробар афзудаанд (саҳ. 77)), саҳми субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар ҳаҷми умумии бозор, нишондиҳандаҳои рушди соҳаи савдо дар солҳои 2015–2024, инчунин ҳиссаи соҳибкорони инфиродии ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул ва сохтори шахсони ҳуқуқии ба қайд гирифташуда аз рӯйи андоза ва ҳудуди ҷумҳурӣ, муаллиф заминаҳои сохторӣ ва институтсионалии ташаккули муҳити рақобатиро муайян ва аз нигоҳи иқтисодӣ арзёбӣ кардааст. Арзиши илмии таҳлил дар он ифода меёбад, ки нишондиҳандаҳои мазкур дар робитаи мутақобила баррасӣ гардида, нақши афзоиши шумора ва гуногуншаклии субъектҳои хоҷагидор, рушди соҳибкории хурду миёна ва тавсеаи фаъолияти тиҷоратӣ дар таҳкими рақобат ва ташаккули муҳити нисбатан фаъоли бозорӣ ошкор карда шудааст. Чунин муносибати таҳлилӣ барои муайян намудани тамоюлҳои сохторӣ, имкониятҳои рушди рақобат ва омилҳои маҳдудкунандаи фаъолияти самараноки бозори молҳои истеъмолӣ заминаи зарурии назариявию эмпирикӣ фароҳам меорад (саҳ. 79-85).

Дар зербоби дуюми боби мазкур таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва омилҳои таъсиррасон ба муҳити рақобатӣ тамоюлҳои рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ анҷом дода шуда, монеаҳои асосии

маҳдудкунандаи густариши рақобати самаранок ошкор ва гурӯҳбандӣ карда шудааст. Таъсири савдои хориҷӣ ва динамикаи нархҳои истеъмолӣ ба аҳолиро ба равандҳои ташаккул ва рушди рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ мавриди таҳлил қарор дода, таъсири омилҳои берунӣ ва дохилибозориро ба муҳити рақобатӣ муайян намудааст. Ҳамзамон, низомбандии муаммоҳои бозори молҳои истеъмолӣ имкон додааст, ки монеаҳои асосии рушди рақобат аз рӯйи хусусият ва самти таъсир гурӯҳбандӣ гардида, робитаи байни онҳо ва таъсири маҷмуии онҳо ба фаъолияти субъектҳои бозор муайян карда шавад. Чунин муносибат барои таҳияи чораҳои асосноки иқтисодию институтсионалӣ ҷиҳати такмили муҳити рақобатӣ аҳамияти назариявию амалӣ дорад (саҳ. 91, 94, 99).

Яке аз натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳи таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф дар зербоби сеюми боби мазкур ҳангоми арзёбии сатҳи рақобат зарурати фарқгузории ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии онро асоснок намуда, маҳдудиятҳои истифодаи танҳо нишондиҳандаҳои миқдориро дар шароити тағйирёбии муҳити бозорӣ муайян кардааст. Агар тағйирёбии нарх ва арзиши молҳо, сатҳи дастрасии онҳо, шумораи субъектҳои бозор, воридшавии бозигарони нав ва ҳаҷми сармоягузорӣ бештар ҷанбаҳои миқдории рақобатро инъикос намоянд (саҳ. 106), пас дар шароити муосири бозор афзалияти рақобатӣ торафт бештар ба омилҳои сифатӣ, аз ҷумла такмили хусусиятҳои истеъмолии маҳсулот, навсозии шаклу сохтори он ва мутобиқсозии пешниҳод ба талаботи тағйирёбандаи истеъмолкунандагон вобаста мегардад.

Натиҷаи муҳими таҳқиқот аз он иборат аст, ки муаллиф таъсири хароҷоти истеъмолиро ба вазъи рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ мавриди таҳлили иқтисодӣ қарор дода, бо мақсади муайян намудани вобастагии байни нишондиҳандаҳои асосии бозор ва пешгӯии ҳаҷми хароҷоти истеъмолӣ модели назариявии регрессионӣ таҳия намуда, истифодаи он барои арзёбии тамоюлҳои эҳтимолии рушди бозори истеъмолӣ ва муайян намудани самтҳои тағйирёбии муҳити рақобатӣ заминаи илмӣ фароҳам овардааст (саҳ. 108-112).

Афзоиши шумораи субъектҳои савдои чакана, тавсеаи гардиши мол ва такмили хизматрасониҳои савдо дар солҳои 2015-2024 ба густариши муҳити рақобатӣ, таҳкими мавқеи субъектҳои бозор ва баланд гардидани самаранокии муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намудаанд (саҳ. 114). Ҳаҷми фурӯши ширкатҳои «Амид», «Анис», «Оазис» ва «Ёвар» дар солҳои 2018–2024 афзоиши назарраси гардиши молии субъектҳои мавриди таҳқиқро нишон дода, ҳамзамон аз шиддат гирифтани рақобати байни иштирокчиёни бозори молҳои истеъмолӣ ва тағйирёбии мавқеи рақобатии онҳо шаҳодат медиҳад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф таҷрибаи иттиҳоди тиҷоратии «Амид»-ро ҳамчун намунаи «рақобати муштарак» арзёбӣ намуда, нишон медиҳад, ки муттаҳидсозии иқтидорҳои тиҷоратӣ, афзоиши миқёси хариди яклухт, коҳиши хароҷоти маркетингӣ ва рушди истеҳсолоти дохилии молҳои озуқаворӣ барои ташаккули бартариҳои устувори рақобатӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои бозор мусоидат менамояд (саҳ. 114-117).

Арзиши илмии натиҷаи мазкур дар он ифода меёбад, ки муаллиф дифференсиатсияи маҳсулотро ҳамчун яке аз самтҳои муҳими ташаккули

бартарии рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолии ватанӣ баррасӣ намуда, имкониятҳои онро барои баланд бардоштани ҷолибияти маҳсулот, фароҳам овардани хусусиятҳои фарққунанда, муайян намудани талаботи қонеънашудаи истеъмолкунандагон ва ошкор сохтани нуқтаҳои заифи рақибон асоснок менамояд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки рақобат на танҳо ҳамчун раванди тағйирёбии нишондиҳандаҳои миқдорӣ, балки ҳамчун механизми доимии такмили сифати маҳсулот, навоварӣ ва ташаккули арзиши иловагӣ барои истеъмолкунанда арзёбӣ карда шавад, ки аз лиҳози назарияи иқтисодӣ ва рушди устувори рақобатпазирии субъектҳои бозор аҳамияти назариявию методологӣ дорад (саҳ. 119-121).

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки таҳлили миқдорӣ ва сифатии бозори молҳои истеъмолӣ имкон додааст, тамоюлҳои рушди рақобат, омилҳои таъсиррасон ва муаммоҳои асосии муҳити рақобатӣ муайян гардида, заминаҳои илмӣ-методологии таҳияи самтҳои такмили механизмҳои рақобат ва таҳкими рақобатпазирии субъектҳои бозор асоснок карда шаванд.

**Дар боби сеюми диссертатсия «Самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ»** масъалаҳои такмили механизмҳои ташаккул ва рушди муҳити рақобатӣ дар сатҳи соҳавӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифта, дар асоси натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва эмпирикии бобҳои қаблӣ самтҳои стратегии баланд бардоштани рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолӣ коркард ва асоснок карда шудаанд (саҳ. 125–157). Арзиши илмии ин қисмати таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф аз таҳлили ҳолати воқеии рақобат ба таҳияи механизмҳои стратегӣ гузашта, стратегияи рақобатро ҳамчун низоми мутобиқшавандаи қарорҳо ва тадбирҳои иқтисодӣ дар шароити тағйирёбии доимии омилҳои дохилӣ ва берунии бозор баррасӣ менамояд.

Дар зербоби якуми боби мазкур (саҳ. 125-142) муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳлили вазъи бозори молҳои истеъмолӣ сатҳи нисбатан пасти рақобатро дар бозори ҷумҳурӣ муайян намуда, мавҷудияти сегментҳои дорои рақобати маҳдуд ва ҳолатҳои алоҳидаи набудани рақобати воқеиро ҳамчун яке аз маҳдудиятҳои рушди самараноки бозор арзёбӣ менамояд. Аҳамияти илмии ин хулоса дар он аст, ки муаллиф сабабҳои ташаккули муҳити заифи рақобатиро бо зарурати тағйир додани муносибати стратегӣ ба ташкили фаъолияти субъектҳои бозор алоқаманд намуда, зарурати таҳияи модели махсуси стратегияи рақобатро барои шароити бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд (саҳ. 136).

Муаллиф тавассути модели пешниҳодшуда кӯшиш намудааст, ки унсурҳои асосии раванди ташаккули бартарии рақобатӣ, мутобиқшавии субъектҳои бозор ба тағйирёбии муҳити рақобатӣ ва интихоби самтҳои мувофиқи рафтори стратегиро дар як низоми ягона ба ҳам пайванд диҳад. Аз ин нуқтаи назар, модели мазкур аҳамияти назариявию методологӣ дошта, метавонад ҳамчун заминаи консептуалӣ барои таҳияи қарорҳои стратегӣ дар сатҳи субъектҳои хоҷагидор ва сиёсати соҳавии рушди рақобат истифода гардад. Муаллиф стратегияҳои рақобатиро дар робита бо ташаккули бартарии устувори рақобатӣ баррасӣ намуда, хусусияти умумии онҳоро дар эҷоди арзиши иловагӣ ва афзоиши фоиданокии молу хизматрасониҳои

пешниҳодшаванда барои истеъмолкунанда муайян мекунад (саҳ. 140). Чунин муносибат аз нигоҳи назарияи иқтисодӣ муҳим мебошад, зеро самаранокии стратегияи рақобатиро на танҳо аз рӯйи қобилияти субъект барои зиёд намудани ҳиссаи бозор, балки аз рӯйи имконияти эҷоди арзиши бештар барои истеъмолкунанда, баланд бардоштани сифати пешниҳод ва таъмини устувории мавқеи рақобатӣ арзёбӣ менамояд.

Дар зербоби дуюми боби мазкур (саҳ. 142-157) муаллиф, бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва мавқеи илмии як қатор муҳаққиқон, самтҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои бозори молҳои истеъмолиро аз нуктаи назари муносибатҳои иқтисодии бозорӣ муайян намудааст. Ба назари муқарриз, арзиши илмии ин равиш дар он зоҳир мегардад, ки рақобатпазирӣ ҳамчун унсури муҳими механизми фаъолияти бозор ва омили таъмини самаранокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидор баррасӣ мегардад. Муаллиф дар натиҷаи хулосабарорӣ се самти ба ҳам алоқаманди баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои бозори молҳои истеъмолиро ҷудо менамояд: **такмили сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ** (саҳ. 143), ки аз мавқеи назарияи иқтисодӣ ба такмили механизмҳои институтсионалӣ ва иқтисодии танзими бозор, таъмини рақобати одилона ва фароҳам овардани шароити баробар барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор равона мегардад; **рушди муҳити рақобат** (саҳ. 148) ҳамчун шарти муҳими амалишавии қонунҳои бозор, таҳкими рақобати байни субъектҳои хоҷагидор, баланд бардоштани самаранокии тақсимоти захираҳои иқтисодӣ ва ташаккули ангезаҳои иқтисодӣ барои навоварӣ ва такмили фаъолияти истеҳсолӣ; **баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасониҳо** (саҳ. 150) дар бозори молҳои истеъмолӣ, ки бо баланд бардоштани сифати молу хизматрасонӣ, оптимизатсияи хароҷоти истеҳсолӣ ва муомилот, истифодаи самараноки захираҳо ва мутобиқ намудани пешниҳоди бозорӣ ба талаботи истеъмолкунандагон алоқаманд мебошад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои боби сеюм нишон медиҳанд, ки муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳлили назариявӣ ва амалии диссертатсия самтҳои мушаххаси такмили муҳити рақобатиро муайян намуда, муносибати стратегии ташаккул ва таҳкими рақобатпазирии бозори молҳои истеъмолиро асоснок кардааст. Андешаи муаллиф боиси дастгирист, зеро модели стратегияи рақобат, зарурати ғайриинҳисорӣ намудани муҳити иқтисодӣ, истифодаи стратегияҳои мутобиқшаванда вобаста ба марҳилаи рушди соҳа ва тамаркуз ба эҷоди арзиши иловагӣ, дорои аҳамияти назариявию методологӣ буда, барои такмили муносибатҳои рақобатӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот ироа гардидаанд (саҳ. 158-164).

**5. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи

диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд. Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти дар доираи диссертатсия анҷомдодашуда имкон дод, ки хулосаву тавсияҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба вусъатбахшии асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ, пешниҳод гардад.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Истифодаи натиҷаҳои илмии кори диссертатсионии мазкур ба рушди муқаррароти назариявии рақобат ва такмили муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ мусоидат намуда, ба муайян ва низомбандӣ намудани омилҳои ташаккул ва шиддатнокии рақобат, асоснок намудани нақши рақобат ва муайян намудани робитаи он бо самаранокии фаъолияти бозор, ба рушди минбаъдаи назарияи рақобат ва ғанӣ гардонидани заминаи методологии таҳқиқи муносибатҳои бозорӣ, хизмат хоҳанд кард. Хулосаҳои илмии таҳияшуда метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи қонуниятҳои ташаккул ва рушди рақобат дар бозорҳои соҳавӣ истифода гарданд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар хулосаю пешниҳодҳое, ки аз таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бармеоянд, инъикос шуда, пеш аз ҳама дар имконияти истифодаи бевоситаи муқаррароти назариявӣ, натиҷаҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои таҳиягардида дар такмили сиёсати давлатӣ оид ба рушди рақобат ва танзими бозори молҳои истеъмолӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи барномаҳо ва чорабиниҳои рушди бозори истеъмолӣ, такмили механизмҳои танзими рақобат, дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди рақобатӣ истифода гарданд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоснок намудани заминаҳои иқтисодии таҳкими рақобат ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои бозори молҳои истеъмолӣ ифода меёбад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фароҳам овардани заминаҳои иқтисодию институтсионалӣ барои баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо молҳои хушсифат, дастрас ва рақобатпазир, васеъ намудани интихоби истеъмолкунандагон ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ифода ёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Бояд қайд намуд, ки саҳми шахсии Ҷамолиддинов С.Р. дар таҳлили амиқи назариявӣ ва методологии муносибатҳои рақобатӣ, низомбандии равияҳои таҳаввули назарияи рақобат, муайян ва арзёбии омилҳои ташаккул ва шиддатнокии рақобат, инчунин дар асоснок намудани самтҳои такмили механизми рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ ифода меёбад. Довталаб дар асоси таҳқиқоти мустақилона мавқеи илмии худро ташаккул дода, маҷмуи хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалиро оид ба рушди рақобати самаранок, баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои бозор ва такмили танзими муносибатҳои рақобатӣ асоснок намудааст. Натиҷаҳои бадастомада саҳми мустақими довталабро дар ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди

муносибатҳои рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Таҳлили диссертатсия нишон дод, ки муаллиф дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст. Сохтор, ҳаҷм ва мазмуни диссертатсия бо меъёрҳои амалкунандаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба таҳия ва ҳимояи диссертатсия ҷавобгӯ буда, ҳамаи қисматҳои ҳатмӣ, аз он ҷумла нақша, муқаддима, бобҳо, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳои овардашуда ба таври мантиқӣ ва пайдарпай буда, саривақтӣ пешниҳод гардидаанд. Дар маҷмуъ маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ таҳия гардида, ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад.

**9. Эрод ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия.** Дар қатори афзалиятҳо ва ҷанбаҳои мусбии рисолаи илмии мазкур, баъзе ҳолатҳои мубоҳисавӣ ва норасоиҳои муайяне низ ба назар мерасанд:

1. Боби1, зербоби 1.1 (саҳ.32-35), натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ оид ба масъалаи мавриди омӯзиш нисбатан маҳдуд истифода гардидаанд. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти минбаъда тавсеаи баррасии осори илмии муҳаққиқони тоҷик ва муқоисаи мавқеъҳои илмии онҳо бо равишҳои муосири назариявӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ин метавонад заминаи назариявии таҳқиқотро таҳким бахшида, хусусияти илмӣ ва миллии таҳлили масъалаи рақобатпазириро бештар таъмин намояд.

2. Дар диссертатсия қонуниятҳои иқтисодии рушди рақобат ва таъсири онҳо ба ташаккули муҳити рақобатии бозори молҳои истеъмолӣ метавонистанд амиқтар асоснок карда шаванд, зеро тавсеаи ин ҷанба барои таҳияи механизмҳои самараноки рушди рақобат аҳамияти назариявию амалӣ дорад.

3. Боби 2, зербоби 2.2 (саҳ.105), имкониятҳои фарқгузории субъектҳои бозор аз рӯйи сатҳи рақобатпазирӣ ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд, хуб мешуд муаллиф субъектҳои бозорро тибқи меъёрҳои ягона гурӯҳбандӣ намуда, хусусиятҳои иқтисодии ҳар як гурӯҳ муайян намояд.

4. Дар таҳқиқот омилҳои манфӣ ва сабабҳое, ки аз ҷониби сохторҳои инҳисорӣ ба рушди рақобат дар бозорҳои молии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, ба таври лозима инъикос нагардидаанд.

5. Дар зербоби 3.2 (саҳ.142) баъзе пешниҳодҳои муаллиф оид ба рушди рақобат бештар хусусияти умумӣ дошта, хуб мебуд, ки самаранокии иқтисодии онҳо бо нишондиҳандаҳои мушаххас асоснок карда мешуд.

Бо ибрози чунин нуктаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад. Дар маҷмуъ камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи иҷрошуда таъсири мустақим намерасонанд.

**10. Хулоса оид ба мувофиқати диссертатсия ва меъёрҳое, ки тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар кардааст.**

Диссертатсияи тақризшаванда дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро гардида, таҳқиқоти анҷомёфта мебошад. Диссертатсия тибқи талабот таҳия гардида, мақсад ва муҳтавои асосии онро инъикос мекунад. Ҳамин тавр, қайд намудан бамаврид аст, ки диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович дар мавзуи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1. – Назарияи иқтисодӣ, пешниҳод шуда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Тоҷидинова З.С.

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон Тоҷидинова З.С.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14
Тел.: +992 37 231 0843, E-mail: info@tgfeu.tj

«31» 08 2026 с.